«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МБТО «Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон»
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор__________Файзулло М.Қ.
«12» 03 соли 2025

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон» ба диссертатсияи номзадии Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Мавзуи диссертатсия «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» таҳқиқи рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии ду кишвари Осиёи Марказиро дар даврони истиқлол, махсусан таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои дигар ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар назар дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон, ҳамчун ду кишвари мустақил, дар даврони истиқлол роҳҳои гуногуни сиёсати хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалиро интихоб карданд. Ташаккули сиёсати хориҷии ҳар ду кишвар дар қаринаи вазъияти геополитикии минтақа ва ҷаҳон, ки ба таҳаввулоти муносибатҳои байналмилалӣ таъсир расонид, таҳқиқ шудааст. Диссертатсия на танҳо ба таҳлили амиқи сиёсати хориҷии ду кишвар, балки ба муқоиса ва муайян кардани осори мавҷуда дар муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба низ аҳамияти хосса медиҳад. Мавзуъ нишон медиҳад, ки ҳар ду кишвар дар асоси манфиатҳои умумии сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ талош намудаанд, ки бо давлатҳои дигар ва созмонҳои байналхалқӣ робитаҳои устувор ва мутақобила барқарор намоянд.

Инчунин, бояд қайд кард, ки мувофиқи суратмаҷлиси №1-и аз санаи 15.01.2025с. ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 024 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърихи назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистонро ҳамчун муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Комилзода Насим Иброҳим таъин намуд.

Диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ (пештар кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба унвони «Ҷанбаҳои назариявӣ-амалии ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2018-2023 анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, протоколи №7(а), аз 11 марти соли 2025 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

Муҳтавои диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)» ба ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пурра мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он асоснок карда шудааст, ки баъд аз ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо мушкилоти нав рӯ ба рӯ гардиданд, аз ҷумла таҳкими сиёсати хориҷӣ ва рушди ҳамкориҳои минтақавӣ. Дар ин замина, омӯзиши сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон аҳамияти хосса дорад, зеро ҳарду кишвар, бо дарназардошти таърихи муштараки худ дар замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва вобастагиҳои иқтисодию сиёсӣ маҷбур буданд, стратегияи нави муносибатҳоро дар шароити нав таҳия намоянд. Бо афзоиши манфиатҳои геополитикии қудратҳои ҷаҳонӣ дар минтақа ва зарурати ҳалли мушкилоти амниятӣ, иқтисодӣ ва экологӣ, Тоҷикистон ва Қазоқистон сиёсати бисёрсамта ва ҳамгироии минтақавиро ҳамчун самти афзалиятнок пазируфтанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ин равандҳо барои дарки дурнамои ҳамкориҳои байнидавлатӣ, ташаккули стратегияи устувори сиёсати хориҷӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ ҷиҳати таҳкими робитаҳои байналмилалӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Пойгоҳи иттилоотӣ ва таҳлилии таҳқикро Консепсияҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон, созишномаҳои байнидавлатӣ, асноди бойгониҳои ҷорӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

Объекти диссертатсия таҳқиқи ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021) мебошад, дар ҳоле ки предмети таҳқиқот давраҳои асосии истиқрору инкишофи сиёсати хориҷии ин кишварҳо ва таҳаввули он дар ин давраро дар бар мегирад. Таҳлил ва арзёбии ин равандҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ташаккули муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон ва Қазоқистон, омилҳои таъсиррасон ва тамоилҳои асосии рушди сиёсати хориҷии онҳо муайян гарданд.

Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ва таҳқиқи проблемаи мавриди омӯзиш дар он ифода меёбад, ки ӯ масъалаи мазкурро дар асоси маъхазҳо ва адабиёти илмӣ таҳқиқ намуда, онро аз дидгоҳи таҳлилии нав баррасӣ кардааст. Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ, аз интихоби мавзуъ ва ташхиси мубрамии он то муайянсозии мақсад, вазифаҳо ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ анҷом дода шудааст. Муҳаққиқ зимни таҳқиқ ба инкишофи сифатии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, бар асоси таҳлили қиёсӣ ва арзёбии ҷанбаҳои мухталифи он, хулосаҳои амиқ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст. Ҳамчунин, вобаста ба мазмуну мундариҷаи мавзуи таҳқиқот мақолаҳои илмӣ нашр гардидаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгониҳои илмии таҳқиқот дар баррасӣ ва таҳлили сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони истиқлол ифода меёбанд. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин корҳои илмие мебошад, ки сиёсати хориҷии кишварҳои зикршударо бар асоси таҳлили қиёсӣ арзёбӣ мекунад. Дар доираи он, ташаккули самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ асоснок гардида, самтгирии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX таҳлил шудааст. Инчунин, зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм таҳлилу баррасӣ шуда, заминаҳои ташаккул ва таҳаввули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон мушаххас гардиданд. Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи ҳарду кишвар таҳлил ва вижагиҳои пешрафти он ошкор шуда, натиҷаҳо ва дастовардҳои ин самти нави сиёсати хориҷӣ арзёбӣ гардидаанд. Ҳамзамон, мушкилот ва дурнамои рушди сиёсати хориҷии бисёрсамта таҳқиқ ва

зарфияти татбиқи он бо пешниҳоди самтҳои афзалиятноки инкишоф муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии диссертатсия** дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд дар навиштани корҳои таҳқиқотӣ оид ба сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, монографияҳо, маводи таълимӣ ва курси лексияҳо дар мавзуъҳои таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки махсусияти инкишофи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистонро инъикос ва мушкилоти татбиқи сиёсати бисёрсамта ва дурнамои инкишофи онро пешбинӣ мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавон барои такмил додани барномаҳои доир ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон, таҳлили самтҳои афзалиятноки он, тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Қазоқистон мавриди истифода қарор дод.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, объект, максаду вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои методологӣ, назариявӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст. Инчунин, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ шудааст, ки ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро дар даврони истиқлол инъикос менамояд.

Боби якум «Истиқлоли давлатӣ: замина ва марҳалаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон (солҳои 1991-2000)», ки аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум «Ташаккули самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ дар қаринаи ташаккули асосҳо ва муқаррароти стратегии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Дар зербоби дуюми боби якум «Самтгирии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX», самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон баъди барҳам хурдани собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, муваффақияти сиёсати хориҷӣ ва шаклгирии он дар марҳалаи таҳқиқшаванда мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ибтидои асри XXI (солҳои 2001-2015)» номгузорӣ шудааст, ки аз ду зербоби ба ҳамдигар алоқаманд иборат аст. Зербоби якуми боби мазкур «Зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм» ном гирифтааст. *Дар ин бахш қайд мегардад, ки*

сиёсати хориҷии бисёрсамта яке аз механизмҳои муҳимми ҳалли масъалаҳои амнияти байналхалқӣ ва минтақавӣ дар арсаи байналхалқӣ мебошад. Истифодаи равишҳои бисёрҷониба ба фароҳам овардани мувозинат дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, иқтисодӣ ва сиёсӣ мусоидат мекунад. Иштирок дар созмонҳои бисёрҷониба ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи бисёре аз кишварҳои хурд барои ҳифзи манфиатҳои миллии онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ гаштааст. Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия «Заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон ва таҳаввули он» ном дорад. Қазоқистон оид ба пешбурди сиёсати бисёрсамтаи хориҷӣ аллакай дар охири асри XX эълон карда буд, вале раванди татбиқи амалии он бо оғози ҳазораи навин пайванди ногусастанӣ дорад. Қазоқистон яке аз кишварҳои камшумор дар фазои пасошуравӣ буд, ки тавонист бо тамоми кишварҳои ҷаҳон равобити дӯстона ва созанда барқарор кунад.

Боби сеюми диссертатсия «Дастовардҳо ва дурнамои сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон» ном дошта аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби сеюм «Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон» буда, муаллиф марҳалаҳои асосии сиёсати хориҷии байни кишварҳо, ки се давраро дар бар мегирад таҳлили муқоисавӣ намуда, аз онҳо натиҷагирӣ кардааст. Дар зербоби дуюми боби сеюм «Дастовардҳо ва дурнамои рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо» таҳлили дастовардҳои сиёсати хориҷии давлатҳо дар даврони соҳибистиқлолӣ сурат гирифта, дурнамои сиёсати хориҷӣ дар шароити тағйирёбии тартиботи ҷаҳонӣ баррасӣ гаштааст. Муаллиф, инчунин вазъи кунунии сиёсати хориҷии кишварҳоро баҳогузорӣ намуда, дурнамои онро пешниҳод кардааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф баҳри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

**Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳои зудислоҳшаванда низ ба назар мерасанд, аз ҷумла:**

1. Баъзан адабиёт ва сарчашмаҳо ҳангоми таҳлил ва таҳқиқи мавзуъ истифода гардида, аммо дар руйхати адабиёти истифодашуда ҷойгир карда нашудаанд;
2. Ҳаҷми саҳифаҳои зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия нисбати дигар зербобҳо камтар аст;
3. Дар таҳқиқоти илмӣ саҳми Президенти ҳозираи Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим Жомарт Токаев дар рушди сиёсати хориҷии кишвар ба пуррагӣ таҳқиқ нашудааст;

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он камбудиҳои ҷузъии техникию имлоӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои зикршуда арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд, онҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба осонӣ ислоҳшаванда мебошанд. Муаллиф метавонад онҳоро ҳангоми таҳияи монография барои нашр бартараф созад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссерататсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих бо ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) сазовор мебошад. Илова бар ин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва осори илмии ӯ бевосита ба самти таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ иртибот доранд ва ба моҳияти ин самти илмӣ мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Хулоса, диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим ҳамчун кори илмии пурра ба анҷом расида ҳисобида мешавад. Таркиб ва сохтори он бо тавсия ва асосноккунӣ дар сатҳи баланд ва илмӣ-назариявӣ навишта шуда, барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих бо ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) ва ташхиси он дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқ аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалии факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон Наимӣ Исмоил

Нурулло омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 11-уми марти соли 2025 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 8 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 8 нафар, зид - «нест», бетараф - «нест». Суратҷаласаи №7(а) аз 11.03.2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон **Ҳакимов М.Қ.**

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон **Наимӣ И.Н.**

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон **Негматова Ш.Р.**

**Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, к. М. Турсунзода, бинои 30, МБТО « Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон». Тел. (корӣ): (+992 37)227-85-24 E-mail: info@rtsu.tj Сомонаи расмии муассиса: http://www.rtsu.tj

**Имзоҳои М.Қ. Ҳакимов, И.Н. Наимӣ ва Ш.Р. Негматоваро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон **Раҳимов А.А.**
**«11» 03 соли 2025**